# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500–Филология (6D020502–Забони тоҷикӣ).**

Таҳқиқу пажуҳиши калимасозӣ таърихи куҳан дошта, бо хусусиятҳои худ таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷиву ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Калимасозӣ то замони Инқилоби Октябр, ҳамчун як соҳаи илми забоншиносии тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифта бошад ҳам, аввалин ишораҳо дар фарҳангу луғатномаҳо, осори илмии донишмандон ва адибони классикии тоҷик ба мушоҳида мерасанд. Пажуҳиши калимасозӣ ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ дертар, яъне дар нимаи аввали асри XX сурат гирифтааст.

Омӯзишу баррасии калимасозӣ, роҳу усулҳои он, воситаҳои калимасозӣ, васлшавии калимаҳо, таркибсозӣ дар забоншиносии умумӣ таърихи куҳан дошта, асару рисолаҳои зиёде офарида шуда бошанд ҳам, вале дар ин самт ҳанӯз масъалаҳои баҳсталаб кам нестанд.

Таҳқиқи калимасозӣ дар асоси маводи осори ин ё он адиб ё нависанда муҳим буда, моро бо вазъи ташаккул ва такомули таркиби луғавии забон дар як давраи муайян аз наздик ошно месозад.

Омӯзиши хусусияти луғавию калимасозӣ, сарфиву наҳвии забони ин ё он адиб барои муайян намудани ҷараёни инкишофи таркиби луғавии забон ҳамаҷиҳата муфид мебошад.

Калимасозӣ ва роҳу воситаҳои сохтани вожаҳо яке аз масъалаҳои пурбаҳс ва доманадори илми забоншиносӣ ба шумор меравад.

Осори нависандаи халқии тоҷик Абдулҳамид Самад хазинаи нодиру нотакрори имконоти лексикию калимасозӣ буда, барои бисёр муҳаққиқон ҳамчун маҳак дар муайян намудани меъёри забони адабӣ

ҳам дар сатҳи луғатшиносиву грамматика ва ҳам дар масъалаҳои услубиёти забон ба шумор меравад.

Абдулҳамид Самад бо нигоштаҳои нотакрори худ дар рушди забони адабии муосири тоҷикӣ саҳми нотакрор гузоштааст. Бинобар ин, омӯзиши осори нависанда дар такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ, хусусан, калимасозии пешвандию пасвандӣ, таркибсозӣ, васлшавии калимаҳо ва услубиёти забон дорои аҳаммияти беандоза аст.

Дар забоншиносии тоҷик дар баробари ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут калимасозӣ, воситаҳои калимасоз дар осори адибони гузаштаву имрӯза баҳсу баррасиҳое мавҷуданд, ки ҳалли мусбати худро ҷустуҷӯ менамоянд. Ҳамчунин, баррасиву омӯзиши роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад дар муайяну дақиқ намудани вожасозӣ, воситаҳои калимасозӣ, васлшавии калимаҳо, истилоҳсозӣ дар забоншиносии тоҷик масъулияти хосро тақозо мекунад.

Аз ин мавқеъ ва нуктаи назар таҳқиқоти диссертатсионии Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» хеле саривақтӣ ва арзишманд ба ҳисоб меравад. Аҳаммият ва зарурати пажуҳиши мазкур, пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки калимасозӣ як воситаи ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон буда, бори аввал хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, омӯзишу пажуҳиши хусусиятҳои сохториву маъноии калимасозии исм дар асоси маводи насри муосир муфид арзёбӣ мегардад.

Омӯзишу баррасии роҳҳои калимасозии исм як василаи ба низом даровардани истилоҳоти илмии забони тоҷикист ва он талаботи замон буда, калимасозии пасвандию пешвандӣ ва васлшавии калимаҳо дар асоси маводи осори диди тоза ва муосир қобили қабул мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи муқарраароти муайяншуда таҳия ва дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳо оварда шудаанд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявиву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ мушаххасан оварда шудааст.

Кори диссертатсионие, ки аз ҷониби Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» баррасӣ гардидааст, кори муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Маводи асосии диссертатсияро таҳқиқи роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад ташкил медиҳад.

Боби аввали диссертатсия **«Таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад »** номгузорӣ шуда, аз 3 фасл иборат аст.

Дар фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» масъалаҳои баррасии калимасозӣ ва роҳу усулҳои сохта шудани калимаҳо аз ҷониби донишмандони ин соҳа ба таври зарурӣ ҳалли худро ёфта, саҳми муҳаққиқони тоҷику рус дар ин самт назаррас муаррифӣ шудаанд.

Фасли дуюм «Роҳҳои морфологии калимасозӣ» ном дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар зерфасли “Калимасозии пешвандии исм” муҳаққиқ доир ба вазифаи калимасозии исм ибрози андеша намуда, нақши онро дар калимасозии исм дар осори нависанда нишон додааст. Ба пиндори муҳаққиқ дар асари мавриди назар 59 вожаи сохта мушоҳида гардидааст, ки аз ҷиҳати семантика гурӯҳбандӣ гардидаанд.

Зерфасли дувум "Калимасозии пасвандии исм" ном дошта, Муҳаққиқ оид ба баррасии мавзуи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони дохилу хориҷӣ сухан ба миён оварда, бо далелҳои қатъӣ фикру андешаҳои худро пешниҳод менамояд. Дар фасли мазкур пасвандҳои калимасози исм аз ҷиҳати семантика ба се гурӯҳ тасниф карда шуда, мавқеи калимасозии онҳо дар асари мавриди назар нишон дода шудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми баррасӣ мақеи корбурд ва семантикаи вожаҳоро дар муқоиса бо сарчашмаҳо ва фарҳангҳо таҳлил намуда, саҳми нависандаро дар ташаккулу такомули таркиби луғавии забон нишон додааст.

**Боби дувум** «Роҳҳои калимасозии лексикӣ –семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар осори Абдулҳамид Самад» ном дорад ва аз 3 фасл ва 5 зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб роҳҳои калимасозии лексикӣ –семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Фасли аввали боби мазкурро «Матолиби муқаддамотӣ» унвон дошта, доир ба пажуҳиши калимасозии лексикӣ –семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар забоншиносӣ маълумот медиҳад. Фасли дувум- "Бозтоби роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ" унвон дошта, аз се зерфасл иборат буда, дар мавриди сермаъношавии калимаҳо, нақши маҷоз, киноя, таҳаввули маъноӣ ва тавассути он сохта шудани калимаву мафҳумҳои нав баҳс меравад.

Дар фасли сеюм –"Роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозии исм", ки аз ду зерфасл иборат мебошад. Доир ба пажуҳиши ин усули калимасозӣ, ба вазифаи исм гузаштани ҳиссаҳои нутқ сухан рафта, муҳаққиқ маводи фаровонеро таҳлил ва баррасӣ намуда, серистеъмол будани ин роҳи калимасозии исмро дар осори нависанда муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия- "Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад" унвон дошта, шаш

фаслро дар бар мегирад. Фасли якум “Матолиби муқаддамотӣ” ном дорад. Дар фасли дувум –“Исмҳои мураккаби пайваст” роҳҳои сохта шудани исмҳои мураккаби пайваст бо ёрии миёнвандҳо, такрори калима, калимаҳои тақлидӣ дар асоси маводи фаровон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фасли сеюм –“Исмҳои мураккаби тобеъ” ном дошта, исмҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати таркиби морфологӣ ба шаш гурӯҳ тасниф намуда, баррасӣ шудаанд. Фасли сеюм- “Исмҳои мураккаби сеҷузъа” унвон дошта, калимаҳои мураккаби сеҷузъа аз ҷиҳати маъно ва сохтор баррасӣ шудаанд.

Фасли чорум- “Исмҳои мураккаби пасванддор” унвон дошта, маводи зиёде мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Фасли панҷуми диссертатсия – “Исмҳои мураккаби омехта” номгузорӣ шуда, доир ба сохтани чунин навъи исмҳои мураккаб сухан меравад.

Дар қисмати хулоса диссертант андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, дар 10 банд микёс ва самтҳои асосии таҳқиқро нишон додааст.

Диссертатсия ва автореферати он дар асоси талаботҳои Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст. Забони таҳқиқи диссертатсионӣ ва автореферати он фасеҳу равон буда, дар маҷмуъ натиҷаи пажуҳиши муаллифро инъикос менамояд.

Аз мутолиаи онҳо маълум мешавад, ки унвонҷӯ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати Валиев Ҷамшед Абдурасулович чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнати чандсола ба мақсад расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад»таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи калимасозии забоншиносии муосири тоҷик мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия дар саҳифаи 25 калимаҳои сохтаи ҳамгурӯҳ, ҳамсилоҳ, ҳамҳуҷра, ҳамбом, ҳамдевор, ҳамяроқ, ҳаммаҳалла, ҳамғул (ҳамсину сол, ҳамсабақ) ва ҳамсанг-ро маҳсули эҷоди Абдулҳамид Самад шумоЗ ридааст, ки нодуруст аст. Аксари ин вожаҳо дар фарҳангҳо ва гуфтори шифоҳии мардум маъмуланд.

2. Дар саҳифаи 27 вожаи **харакӣ** чун исми шахс шарҳ ёфтааст. Дар асл харакӣ зарфи тарзи амал буда, дар ҳолати субстантиватсия шудан ба вазифаи исм меояд, аммо дар мисоли зерин ба зарфи тарзи амал аст. Бинен, ҳамсолҳош аз адир пуштораву харакӣ бо коҳу алаф бармегардданду....

3. Дар диссертатсия дар зербоби "Исмҳои мураккаби омехта" исмҳои мураккаби пайваст низ шарҳ ёфтаанд, ки бемавқеъ аст (152).

4. Дар саҳифаҳои 17, 43, 131, 147... диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ мавҷуданд.

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои заруриро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи диссертант мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертасия ва автореферати Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500–Филология (6D020502–Забони тоҷикӣ) пурраву мукаммаланд ва ба талаботи «Низомнома»-и Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500–Филология (6D020502–Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова С.Ф.
Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Кучаи Сино 29-31
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати Рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино" Сафаров Б.И.

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj

19.05.2023